37.016
Ҡ-25



АЛИҶОН КАРИМЖОНОВ
ДИЛНОЗА КАРИМЖОНОВА

# БОЗӢ ВА ИНКИШОФИ НУТҚ ОИДИ ТАЪЛИМИ САВОД

37.016
Ж-25



ВАЗОРАТИ МАКТАБИ ОЛИ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН
ИНСТИТУТИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ШАҲРИ
ЧИРЧИҚ ВИЛОЯТИ ТОШКЕНТ

АЛИҶОН КАРИМЖОНОВ
ДИЛНОЗА КАРИМЖОНОВА

# [illegible] ВА ИНКИШОФИ НУТҚИ [illegible]

## ТАШКИЛИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

-13742/45-

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI CHIRCHIQ DAVLAT PEDAGOGIKA UNIVERSITETI
AXBOROT RESURS MARKAZI
1-FILIALI

ЧИРЧИҚ 2021

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI CHIRCHIQ DAVLAT PEDAGOGIKA UNIVERSITETI
AXBOROT RESURS MARKAZI

ВАЗОРАТИ МАКТАБИ ОЛИ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН
ИНСТИТУТИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ШАҲРИ
ЧИРЧИҚ ВИЛОЯТИ ТОШКЕНТ

АЛИҶОН КАРИМЖОНОВ
ДИЛНОЗА КАРИМЖОНОВА

# БОЗИ ВА ИНКИШОФИ НУТҚ ОИДИ ТАЪЛИМИ САВОД

**Алижон Каримжонов-** **номзоди илмҳои педагоги, дотсенти кафедраи таълими ибтидоии ДДШЧВТ.**

**Дилноза Каримжонова-** **муаллимаи кафедраи муассисаҳои томактабӣ ДДШЧВТ.**

**Масъул муҳаррир:** Ш.Қ. Мардонов. Доктори фанҳои педагоги, Профессор.

**Тақризчиён:** Доктори фанҳои педагоги, профессор: Мардонов Ш.Қ.
Профессори ИДПТ ба номи Низоми: Жўмаев М.Д.

**Рассом:** Фирдавс Алижонов.



**ЎЎК 37.016:003.081(075.2)**
**КБК 74.268.1я7**

Китоби мазкур дар асоси фармони Вазорати маорифи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси Чумхурии Узбекистон аз 31 май соли 2021 тахти раками 237 дар нашриётхои давлатӣ нашр намудан тавсия карда шудааст.

Дар китоби мазкур яке аз масъалаҳои асосии таълими саводроҳкои фаъолонидани саводомўзии мактаббачагони хурдсол ҳалли фасли худро ёфтааст. Дар он роҳу усулҳои алоқаманд намудани кори саводомўзи бо воситаи бозиҳои дидактики ва технологияи он, инкишофи нутқи мураттаби хонандагон тасавуроти истифодаи маводи таълими, ки бозиҳои таълими, ребусу крассовордҳо, чистону зарбулмасал, порчаҳои шеъри ва дигарҳоро дарбар мегирад, ҳаматарафа нишон дода шудааст.

Дар охир намунаи истифодаи маводи таълими дар раванди дарсҳои саводомузи оварда шудааст.

Китоби мазкур борои муаллимони синфҳои ибтидои, мураббиёни муассисаҳои томактаби, донишҷўёни факултаи педагогии донишгоҳҳои педагогӣ мактабҳои ибтидой ва муассисаҳои томактаби тавсия карда мешавад.

**ISBN: 978-9943-7476-3-0**

© АЛИҶОН КАРИМЖОНОВ, ДИЛНОЗА КАРИМЖОНОВА, 2021.
© «ISHONCHLI HAMKOR» NASHRIYOTI, 2021.

**Хишти аввал гар ниҳад**

**меъмор кач,**
**То охир меравад он**
**девор кач.**

## ПЕШГУФТОР

Мақсади асосии мактаб ҳанӯз аз оғози таълими ибтидои ташаккул додани забони адабии кӯдак аст, ки аз таъсири лаҳҷаву шева дур ва ба забони адабии бадеи наздик бошад. Маълӯм аст,ки нутқи даҳонии кӯдак ҳар қадар тараққи ёфта бошад, донишомӯзии он ҳам ҳамон қадар осон мегардад.

Таълим дар синфи якӯм сар то сар саводноккунии хонандагонро дар назар дорад. Барномаи таълим таъкид менамояд, ки мақсади дарсҳои давраи таълими савод, пеш аз ҳама, ёд додани хондану навиштан, бой намудани захираи луғавии хонандагон ва дар ин асос ташаккулу инкишоф додани нутқи мураттаби онҳо мебошад.

Мушоҳидахо ва тадқиқотҳои олимону методистон, педагогҳову руҳшиносон, омӯзгорони эъҷодкору пуртаҷриба нишон медиҳад, ки кӯдак ба он захираи луғавие, ки дар асоси зарурати муносибат ба муҳит яъне ҳаёт, табиат ва ҷамъият (аз оила, муаллим, бо ҳамсолону калонсолон) омӯхтааст, ба остонаи мактаб кадам мемонад, ки дар он камбудиҳои зиёде ба чашм мерасад.

Аз рузи нахустини таълим тадриси мураттабу ба як мақсад нигаронидашудаи забон сар мешавад. Кӯдак унсурҳои аввалини каломи бадеиро нахустин аз китоби дарси -«АЛИФБО» -мегирад. Омӯзиши овозу ҳарф, фарқ кардани ҳиҷову калима, шинохтани ҷумлаву нутқ аз ҳамин давра оғоз меёбад.

Маҳз аз ҳамин давра сар карда хонанда дар нутқи худ бошуурона истифода намудани калимаву иборахои ҷудогона, воҳидҳои фонетики, морфологи ва синтаксисиро меомӯзанд ва ба олами пурасрори мактаб дохил мешавад. Ҳамин тариқ таълими алифбо масъалаи асоси ва замонави буда, шарти зарурии омода намудани хонандагон ба таълими забони тоҷики ва фанҳои дигар мебашад.

Таҳкурсии-хишти авали маданияту ҳусни нутқ дар синфҳои ибтидои гузошта мешавад. Бинобарон омӯзгорони синфҳои ибтидои вазифаи масъул, вале пуршарафи дуруст гузошта тавонистани



ҳамин хишти аввалро доранд, ки тақдири ояндаи ҷамъият ба он вобаста аст.

### ТАЛАБҲО НИСБАТИ МАШҚҲОИ ШАВҚОВАР ДАР ДАВРАИ САВОД.

Барномаи таълимии синфҳои ибтидои дар дарсҳои саводомузи ба додани хондану навиштан, бо тарзи мадани сухан кардану сухан шунидан ва зимни онҳо нисбати илму илмомузӣ бедор намудани шавқу завқи кӯдакро таъкид менамояд. Ин талаби барнома ҳамон вақт амали мегардад, ки агар таълими дарсҳои давраи савод тезонидани фаъолияти донишамузии хонанда таъмин карда шавад.

Оид ба роҳҳои тезонидани фаъолияти донишамузи хонандагон дар дарсҳои саводомузи барои мактабҳои тоҷики баҷуз мақолаҳои алоҳида, чизи мушаххасе ба табъ нарасидааст.

Ҳамин ҷиҳати корро ба эътибор гирифта, мо қарор додем,ки доир ба ин масъала дастури мазкурро ба ёрии омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисосҳои дахлдори мактабҳои оли ва миёнаи махсуси ҷумҳури пешкаш созем.

Маълум астки хонандагони сини хурди мактаби, бохусус хонандагони синфи якӯм, ниҳоят серҳаракатанд, диққату хотираи онҳо мустаҳкам нест, онҳо муддати дароз диққати худро ба як кор равон карда наметавонанд, ба тези хаста мешаванд, такрори як амал, якрангии таълим онҳоро ба зудди дилгир менамояд. Аз инрӯ, дар рафти саводомузи роҳу усул, омилҳои тезонидани фаолияти донишомузии хонандагонро бояд ҷуст.

Мутобиқи кӯшиш ва шавқу рағбати кӯдакон ташкил намудани фаъолияти таълими яке аз роҳҳои беҳтарини кори саводомӯзи ба шумор меравад. Ба фикри мо, дар тезонидани фаъолияти хонандагон бозиҳои таълими ҷой ва мавқеи махсус доранд ва яке аз омилҳои муҳим ва самарабахши фаъолнокии хонандагон ба шмору

Фаъолонидани хонандагонро шартан ба се қисмат метавон ҷудо кард. Аввал, ин фаъолнокии шахсии хонанда, дувум, дар зери таъсири муаллим тезондани хонанда ва сеюм, дар таъсири воситаҳои гуногуни таълими . Ҳамаи ин қисматҳо ба ҳам марбутанд ва яке дигареро қувват медиҳанд. Онҳо барои дуруст дарк намудани маводи таълими ва зимни он ташшаккулу такомули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон муҳиманд.

Таҷриба нишон медиҳад,ки маводи таълимии дар асоси фаъолнокии шахси азхудшуда дар хотири хонандагон дергоҳнакш

мебандад. Мавриди қайд аст, ки бедор кардании фаъолияти кӯдак аз бисёрҷиҳатҳо ба омӯзгор вобастаги дорад.

Пушида нест,ки мақоми муаллим дар тезонидани фаъолияти хонанда дар асоси таъсири омилҳои зайл суръат мегирад;

-мутолиаи сарчашмаҳои илми, дастур ва нишондодҳои услуби ва мақолаҳои илмию услубии олимон методистон,

-омӯхтани таҷрибаи муаллимони соҳибкасб,

-эҷодкории худи омӯзгор ва мунтазам аз болои худ кор бурдан.

Дар фаъолонидани кӯдак, пеш аз ҳама, таъсири хислатҳои шахсии омӯзгор калон аст. Ба қавли методисти шинохтаи гурҷи Амонашвили дар муаллим бояд чунин сифатҳо ҷой дошта бошанд;

-дӯст доштани кӯдак;

-фаҳмидани бача;

-дар хотир доштани қарзи худ дар назди ҷомеа.

Педагоги машҳури рус В.А.Сухомлинский дар хусуси сифати шахсии муаллим чунин овардааст; «Наврасонро ҳеҷ чиз ба монанди одами аз ҷиҳати маънавӣ бою доно ва хайрхоҳ бо таачуб ва шавқу ҳавас оварда наметавонад».-1.

Ба ҷуз сифатҳои номбурда муаллим бояд дорои нафосату фасоҳат, рафтору кирдори накӯ, нутқи равону адаби ва ҳусни муомилаву маҳорати педагоги барин сифатҳо бошад. Ҳар як ҳаракат, оҳанги гуфтор, тарзи талаффуз, ҳатто ваҷоҳат ва қиёфаи ӯ бояд шогирдонашро бетаъсир намонад.

Воситаи дигари фаъолонидани хонанда мавриди дурусти истифодаи воситаи таълим ва маводи дидактики ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки хонандагон тарзи истифодаи воситаҳои таълими маводи ҷараёни таълимро бошуурона ва мустаҳакам аз барнамуда метавонанд, чунки онҳо омили асосии ҳавасмандкунии хонандагон дар донишомӯзи ба шумор меравад. Олимон рухшиносон ҳавасмандкунии хонандагонро дар баланд бардории ваҷҳи дохили, бевосита ба иҷро намудани супориши дар пеш истода водор мекунад, мебинанд.

ВАҶҲ ин кӯшишу ғайрат, шавқу завқи ботини дар иҷрои ин ё он амал аст. Намудҳои ваҷҳ; орзу, майлу рағбат, шавқу ҳавас, эътиқод ва бовари дар иҷрои кор мебошад.

Мо бояд воситаи ҳавасмандкунии хонандагонро дар истифодаи воситаи аёни мебинем ва таъкид карда мешавад, ки асбобҳои аёни, аз як тараф, диққати хонандагонро ба маводи таълимӣ ҷалб намуда



таълими онро осон намояд, аз тарафи дигар, дар дили онҳо ин ё он ибрагеро меофарад.

Яъне ду шакли ҳавасмандкунии хонандагонро пешкаш менамоем;

Якум, - машқҳои рангоранг, ки шавқи хонандагонро бедор мекунад;

Дуюм,- таълими аёни, дониши хонандагонро аз модди ба маънӣ ниёз менамояд.

Дар синфҳои ибтидои дуруст ва бомавқеъ истифодабарии воситаи аёни ва маводи таълими ба хонандагон имконият медиҳад, ки зимни он мушоҳидаҳо баранд ва аз ҷамъбасти он ба муҳокимаронию хулосабарорӣ гузаранд. аёният ба доираи эҳсоси мактаббача таъсир расонида, мушоҳидакорӣ, тафаккур ва тасаввуроти онҳоро ривоҷ медиҳад, фаъолнокиро ба тартиб оварда, боиси инкишофи ҳавасмандии хонандагон мегардад.

ХУЛЛАС, аз таҳлили чанд асарҳои илмию методии олимон ва мушоҳидаи бевоситаи дарсҳои муаллимони пешқадами вилоятамон бармеояд, ки дар тезонидани фаъолияти хонандагон роли воситаи таълими, материалҳои дидактики ва бозиҳои грамматики дар ҷараёни саводомӯзи калон аст. Алббатта, дар ин ҷо фаъолияти шахсии худи кӯдак, рол ва мавқеи муаллим, воситаҳои дигари таъсиррасонро таъкид намудан шарт аст.

Дар ҳақиқат, ба ҳаракат даровардани фаъолияти донишомӯзи хонандагон дар раванди дарсҳои саводомӯзи яке аз масъалаҳои мураккаб ва пурмаҳсул мебошад ва тадқиқоти он ҳоло ба охир нарасидааст.

Ба фикри мо, дар фаъол гардонии хонандагон чунин тарафҳои корро ба эътибор гирифт;

-ба тавассути маводи таълими ва маводи дидактики дар хонандагон ташаккул додани мақсади муқоисакунӣ, муҳокимаронӣ, ҷамъбаст ва хулосабарориҳо;

- дар асоси истифодаи усулҳои самарабахши таълим ва дигар воситаҳои таъсиррасон мустаҳкам аз худ кунонидани маводи таълими;

- дуруст ва бамаврид, пайдарпай ва ба як мақсад нигаронида шудани таълиму тарбия;

- гуногуншакли ва гуногунрангии бозиҳои таълими, мувофиқи синну сол ва қудрат будани онҳо.